**НУСХА АЗ ПРОТОКОЛИ № 5-1**
**ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос ва номзади илм**

аз 26 феврали соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** доктори илмҳои техникӣ, Гулаҳмадзода А.А.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, к и бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2025 с., №409/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Абдуллозода Шодмон Абдулло** дар мавзуи ***«Такмили усулҳои назорати сифати сементатсияи саргаҳи қабати намак»*** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ).

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ д.и.т. Носиров Н.К. ва аъзои комиссия д.и.т., дотсент Саидзода Ҷ.Ҳ., н.и.т. Якубов А.О. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи **Абдуллозода Шодмон Абдулло** дар мавзуи ***«Такмили усулҳои назорати сифати сементатсияи саргаҳи қабати намак»*** ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи **Абдуллозода Шодмон Абдулло** дар мавзуи ***«Такмили усулҳои назорати сифати сементатсияи саргаҳи қабати намак»*** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи **Абдуллозода Шодмон Абдулло** дар мавзуи ***«Такмили усулҳои назорати сифати сементатсияи саргаҳи қабати намак»*** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шавад:

- **Ҳасанзода Нуралӣ Мамед** – доктори илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи «Асосҳо, таҳкурсиҳо ва иншоотҳои зеризаминӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ;

- **Рахманов Азим Абдуллаевич** – номзади илмҳои техникӣ, дотсент, ходими калони илмии озмоишгоҳи «Зилзилатобоварии бино ва иншоот»-и Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар - **Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон** таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 14. 05. 2026 с., соати 09-00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои техникӣ Гулаҳмадзода А.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ Шаймурадов Ф.И.